Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинушох Шохтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146

**Такризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна дар мавзӯи "Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 – Иқтисодиёт (08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ)**

Расулова Давлатмо Буриевна соли 2016 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо гирифтани тахассуси бакалаври иқтисодӣ хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура ба шӯъбаи магистратура дохил шуда, зинаи мазкурро бо гирифтани тахассуси магистри илмҳои иқтисодӣ хатм намудааст. Аз сентябри соли 2018 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кору фаъолият намуда истодааст.

Аз рӯзҳои аввали таҳсилаш Расулова Давлатмо Буриевна фаъолона ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва раванди таълимии донишгоҳ машғул шуда, мавзӯи таҳқиқоти илмии худро дар мавзӯи "Такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон", интихоб кардааст.

Расулова Д.Б пайваста ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ машғул шуда, дар конфронсҳои сатҳи дохилидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро дар шакли мақолаҳо оид ба фаслҳои асосии рисолаи номзадиаш ба нашр расонидааст.

Дар давоми таҳсил Расулова Д.Б. худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро шарҳ дода, натиҷаҳои илмӣ ба даст овардааст. Дар ҷараёни навиштани рисолааш ӯ доираи васеи адабиётҳои зиёди

ватанию хориҷӣ ва инчунин таҷрибаи хоҷагиҳои гӯсфандпарвариро омӯхтааст.

Моҳияти нави ибораи ташкили истеҳсолотро вобаста ба соҳаи таҳқиқот ва самаранокии иқтисодии онро дар мазмуни зерин пешниҳод намудааст: "Ташкили истеҳсолоти гӯсфандпарварӣ аз ташкили меҳнати кормандони корхона ва пардохти музди меҳнати онҳо, муайян кардани намуд ва ҳаҷми корхонаи гӯсфандпарварӣ дар як давра ва фазои муайян, ташкили илмии гирдгардиши рама, ташкили механиконии комплексии амалиётҳои технологӣ, ташкили коркарди саноатии маҳсулот, ташкили идоракунии сифати маҳсулот, ташкил ва банақшагирии навовариҳо, ҳамчун раванди эҷод ва азхудкунии технологияи нав, ташкили менеҷмент ҳамчун раванди ташкил ва такмил додани системаҳои идоракунӣ ва усулҳои вазифаҳои онҳо» пешниҳод намудааст".

Муҳаққиқ маҳакҳо ва нишондиҳандаҳои асосии арзёбии рушди соҳа, омилҳои ба он таъсиррасонанда ҳамчун пояи объективии рушди самараноки гӯсфандпарварӣ дар шароити кунунии фаъолияти он муайян кардааст.

Дар асоси таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии дуру наздик истифодаи таҷрибаи махсусгардонии раванди истеҳсол ва содироти пашм, тадбирҳои ҳимояи давлатӣ, ки ҳангоми ҷорӣ намудани боҷҳои баланд оид ба воридоти маҳсулоти пашмини Австралия, минтақабандӣ ва барраҳоро аз гӯсфандон бармаҳал ҷудо карда, дар чарогоҳҳо нигоҳ доштани Британияи Кабир, минтақабандии гӯсфандон бо назардошти равияҳои истеҳсолӣ: парвариши гӯсфандони маҳинпашм, ниммаҳин ва маҳинпашм, барои пӯстин, парвариши гӯсфандони қарокӯлӣ ва гӯштӣ – серравғани Россия, таъсиси ширкати ягонаи ҳолдингӣ бо корхонаҳои коркарди маҳсулоти гӯсфанди Беларус, дастгирии давлатии дотатсияи маҳсулоти гӯсфандпарварии Қазоқистон ва ташкили ассотсиатсияҳои деҳқонии гӯсфандпарварии Қирғизистон барои Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Ба ҳолати кунунии ташкили истеҳсолот ва самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои гӯсфандпарварии ҷумҳурӣ баҳо дода, минтақабандии гӯсфандпарвариро ба кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва даштӣ тақсим намуда, номувофиқии замини ҷарогоҳҳо бо саршумори гӯсфандон, камбудии равияи майдамолии хоҷагиҳои гӯсфандпарварӣ ошкор гардида, роҳҳои ҳалли он пешниҳод карда шудааст.

Самтҳои афзалиятноки ташкили истеҳсолот ва рушди истеҳсоли маҳсулоти гӯсфандпарварӣ бо назардошти ташкили ҳамгироии иқтисодии соҳаҳои гуногун дар шакли агрокластерҳо, истифодаи технологияи инноватсионии ташкили истеҳсолот ва парвариши гӯсфандон, моделҳои сармоягузории рушди гӯсфандпарварӣ ҳамчун самтҳои баланд бардоштани самаранокии ташкили онро пешниҳод намудааст.

Исбот намудааст, ки омилҳои асосии рушди инноватсионии технологияи гӯсфандпарварӣ аз меъёри хӯрокдиҳии чорво, таъмини талаботи солонаи гӯсфандон бо моддаҳои ғизоӣ, таъмин намудани меъёри равшании табиӣ ва сунъӣ дар оғилхонаҳои нигоҳдории гӯсфандон, таъмини меъёрҳои микроиқлими оғилхонаҳо, баланд бардоштани ҳавасмандии моддии чорводорон бо назардошти меъёрҳои сарфи меҳнат барои гӯсфандони ҳамаи синну сол, истифодаи самараноки неруи барқ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ дар ҷараёни истеҳсолот иборат мебошад.

Барои рушди ташкили истеҳсолоти маҳсулоти гӯсфандпарварӣ се модели маблағгузории рушди гӯсфандпарвариро пешниҳод намуда, исбот кардааст, ки истифодаи сармоягузории давлатӣ ва лизинги молиявӣ бештар самараноктаранд ва дар рушди гӯсфандпарварӣ ҳиссагузор шуда метавонанд.

Муқаррароти методологию методии асосноккунии пешниҳодҳои илмӣ, ҳалли масъалаҳои ташкили истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии гӯсфандпарварӣ, ки Расулова Давлатмо Буриевна

пешниҳод намудааст, зимни муҳокима дар конфронсу семинарҳои сатҳҳои гуногуни илмӣ - амалӣ, аз ҷумла байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Чунин мешуморем, ки Расулова Д.Б., аз ухдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда баромада, кори илмӣ - таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятноку мубрами кишвар таҳия намудааст. Ба ӯ муяссар шудааст, ки дар рисолаи худ мушкилотҳои ташкилию иқтисодии хоҷагиҳои кишоварзӣ, деҳқонӣ, хонаводаҳои аҳолӣ ва тавсияҳо таҳқиқ намуда оид ба такмили минбаъдаи ин соҳаи муҳимми кишвар пешниҳодҳои мушаххас намояд.

Аз ин ҷо, диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна дар мавзӯи "Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Иқтисодиёт (08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Роҳбари илмӣ,
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон: Ашуров И.С.

Ашуров Ихтёр Саидович, тел.: (+992905557788)
E-mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru

Имзои Ашуров Ихтиёр Саидович, д.и.и, профессори кафедраи «Молия ва қарз»-и Донишгоҳи Русӣ - Тоҷикӣ (Славянии) Тоҷикистонро тасдиқ менамоям.

Мудири шӯъбаи кадрҳо Давлатов Х.Х.